# 12853 - Пӯшидани либоси сафеди арӯсӣ барои арӯс ҳеҷ боке надорад

## савол

Оё барои зан ҷоиз аст, ки дар шаби тӯяш либоси сафеди арӯсӣ бипӯшад? Ё он ҳаром аст, чунки либоси занони кофир аст?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳеҷ ишколе нест, ки зан либоси сафеди арӯсӣ бипӯшад, ба шарте ки онро пӯшида ба назди мардони номаҳрам набарояд, зеро одатан либосҳои арӯсӣ зебу зинат (ва нақшу нигор) доранд. Қаблан дар ҷавоби саволи рақами (39570) баён карда будем, ки яке аз шартҳои ҳиҷоби занон ин аст, ки он либос худ зинат набошад.
Ҳамчунин шарт аст, ки либоси арӯсӣ либоси нимбараҳна набошад, ки зебоиҳои бадани занро намоён бикунад, гарчанде ки ӯ бо он либос танҳо ба назди занон барояд. Лутфан ба

саволи (6569) ва (34745) руҷӯъ кунед.
Шумо қайд кардед, ки он либоси занони кофир аст, ин тавр нест, балки имрӯзҳо бисёре аз мусулмонзанон ва ё аксарияташон либоси арӯсиро мепӯшанд.

Аз Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд:

Пӯшидани либоси сафед барои зан дар шаби издивоҷаш чӣ ҳукм дорад? Махсусан агар бидонем, ки ин кор монандӣ ба кофирон аст.

Ӯ чунин посух дод:

"Барои зан ҷоиз аст, ки либоси сафед бипӯшад, ба шарте ки он дар шакли либосҳои мардона набошад. Аммо оиди ин ки ин амал монандӣ ба кофирон аст, ҳоло чунин нест, зеро дар ҳоли ҳозир тамоми занони мусулмон ҳангоми издивоҷ ин либосро мепӯшанд.

Будан ё набудани як ҳукм ба иллати он вобаста аст. Бинобар ин, агар монандӣ ба кофирон аз байн биравад ва ин либос шомили мусулмонон ва кофирон шавад (яъне ин либосро ҳам занони мусулмон ва ҳам занони кофир бипӯшанд ва ин як либоси умумӣ шуда бошад), ҳукми он ҳам аз байн меравад, магар ин ки як чиз дар зоти худ ҳаром бошад, на ба сабаби монандӣ ба кофирон, ки дар сурат, дар ҳама ҳолат ҳаром мебошад". Поёни сухан.
"Маҷмуъату асъилатин таҳумму-л-маръа" (саҳ 92).

Аз кумитаи доимии фатводиҳӣ оиди пӯшидани либоси сафеди арӯсӣ ва ороиши махсус дар шаби издивоҷ пурсиданд, ки оё ин дар Ислом асосе дорад? Агар асосе дошта бошад, оё кушодани рӯй дар шаби тӯй ҷоиз аст? Бояд қайд кард, ки мардони бегона дар роҳ то хонаи шавҳар ҳузур доранд.

Чунин посух дод:
Барои зан ҷоиз аст, ки либоси махсуси шаби арӯсӣ ва дигар либосҳоро бипӯшад, ба шарте ки ин либос баданро бипӯшонад ва монанди либоси мардон ё занони кофир набошад. Барои зан ҷоиз нест, ки рӯяшро дар назди мардони номаҳрам бикшояд, на дар шаби издивоҷ ва на дигар вақтҳо.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.

Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз .. Абдурраззоқ Афифӣ .. Абдулазиз Оли Шайх .. Солеҳ Ал-Фавзон .. Абдуллоҳ ибни Ғадаён ... Барк Абузайд.
"Фатово-л-лаҷнати-д-доима" (17/343).